# Мизи мудаввар таҳти унвони «Паём - ҳуҷҷати роҳнамо дар фаъолияти ҳаёти ҷомеа»

Опубликовано 29 декабря, 2021 - 15:10 пользователем Ҳайати тадорукот
Рӯзи 29-уми декабри соли 2021, соати 14:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Паём - ҳуҷҷати раҳнамо дар фаъолияти ҳаёти ҷомеа» мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар кори он муовини раиси Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок карданд. Мизи мудавварро муовини раиси Кумита бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, аз ҷумла, қайд кард, ки Паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбасти 30-солаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихи кишвари моро дар бар гирифта, ҳамзамон, барномаи рушди ҷомеа ва давлат маҳсуб шуда, самтҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатро барои соли 2022 ва минбаъда муайян менамояд. Сарвари давлат доир ба беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум як силсила дастуру ҳидоятҳо дода. Роҷеъ ба самти сиёсати хориҷӣ суханҳои арзишманд ироа намуд.

Дар мизи мудаввар иштирокдорони Паём Р. Зулфониён ва Ш. Буриева бардошти худро аз Паём иброз дошта, оид ба масъалаҳои омӯзиши забону адабиёти тоҷик, фарҳанги миллат ва таърихи тамаддуни кишварамон, инчунин, азхудкуниву донистани забонҳои хориҷӣ андешаҳои худро баён карданд.

Дар анҷом, роҳбарият таъкид намуд, ки ҳар як хизматчии давлатӣ Паёмро ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва раҳнамои кору сармашқи фаъолияти қарор дода, дар пайи иҷрои дастуру супоришҳои дар Паём зикргардида саҳмгузор бошанд.

**Рейтинг контента:** 3

Средняя оценка: 3 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

- 

- 

-

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6806?mini=2025-08

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [2] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_3373.jpg [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_3296.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_3352.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_3356.jpg